
Гулназар
ГУНҶИШКИ
НАҚҚОШ

Тоҷ 2
Г-16

## ГУЛНАЗАР

# ГУНҶИШКИ НАҚҚОШ

Китобхонаи ...
Ҷумҳурии ...
7270

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2007

ББК 84 тоҷик 7-5
Г-76

**Китоб бо дастгирии
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон
ба табъ расид.**

Муҳаррир:
***Сайидалӣ Маъмур***

Мусаввир:
***Усмон Ашӯров***

***Гулназар*. Гунҷишки наққош.** — Душанбе: «Адиб», 2007. -48 саҳ.

**ISBN 99947-32-20-X**

**© Гулназар, 2007**

## БА ЧӢ МОНАД СИТОРА?

Ба чӣ монад ситора?
Ба гулхану шарора;

Ба қандили фурӯзон
Дар баландии осмон;

Ба гулҳои шукуфон
Дар фасли навбаҳорон;

Ба ширмоҳии зебо
Миёни мавҷи дарё;

Ба чашми гурбаи мо
Дар торикии шабҳо.

Ба чӣ монад ситора?
Мапурс аз ман дубора!

Монанд бо ситора
Бошад танҳо ситора.

## СОАТИ ХУРӮС ВАЙРОН

Хурӯс мезанад фарёд:
«Қу – қу – қу!
Субҳе, ки интизорам,
Ку? Ку? Ку?!»

Соати Хурӯс магар
Вайрон аст?
Соат яки шабу вай
Нолон аст.

Нолад, ки чаро то ҳол
Саҳар нест?
Чаро бар шаб саҳарро
Зафар нест?

Хурӯси бобои ман
Нодон аст.
Соат яки шабу вай
Нолон аст.

Вақте ки соат шавад
Панҷи субҳ,
Албатта вай меёбад
Ганҷи субҳ.

Гӯям: «Чаро, эй Хурӯс,
Ҳайронӣ?
Вақти фарёди худро
Надонӣ!»

## ТӮША

Ҳар кӣ бароянд
Ба сафари роҳ,
Тӯша бигирад,
Албатта, ҳамроҳ.

Тӯшаи ҷӯ – об,
Тӯшаи гул – бӯ.
Тӯшаи боғча
Райҳону ҳулбӯ.

Тӯшаи булбул
Чаҳ-чаҳи дилкаш,
Тӯшаи маҳтоб
Хандаи беғаш.

Агар равам ман
Ба сайри дунё,
Тӯша бигирам
Саломи худро.

## ҚАЛАМҲОИ РАНГА

Қаламҳое, ки дорем,
Наққоши номдоранд,
Ҳамраҳи мо бедареғ
Ҳама машғули коранд.

Мекашад қалами сабз
Шоху барги дарахтон,
Қалами гулоби ман
Мекашад гули хандон.

Қалами кабуди ман
Мекашад рӯи осмон,
Қалами хокистарӣ
Мекашад абри равон.

Қалами сурхаки мо
Мекашад гули лола,
Қалами обии мо
Мекашад расми жола.

Қалами сурху сафед,
Бо қалами сабзамон,
Бо хурсандӣ мекашанд
Парчами Тоҷикистон.



## БОРОН

Абри сиё мисли асп,
Шиҳааш ғурриши раъд,
Барқ ба он савор аст,
Бин, ки чӣ мешавад баъд:

Аспи сиё метозад,
Мезанад барқ ҷавлон,
Аз ҳайбаташ мешавад
Дунима рӯи осмон.

Осмон шаҳкосае буд,
Шикасту оби он рехт.
Гумон дорем ману ту,
Ки аз ҳаво борон рехт.

## М – Е – Ҳ – Р – И – Н

Ҳарфе, ки мо медонем,
Ҳарфе, ки мо мехонем,
Монанди ману Шаҳбоз
Ҳар яке дорад овоз.
Ҳарфи «М» «ме» мегӯяд,
Ҳарфи «Е» «е» мегӯяд,
«Ҳе» мегӯяд ҳарфи «Ҳ»,
«Ре» мегӯяд ҳарфи «Р»,
Ҳарфи «И» «и» мегӯяд,
Ҳарфи «Н» «не» мегӯяд.
Онҳоро менависам
Рӯи дафтар пайиҳам,
«Меҳрин!» - мегӯянд онҳо,
Маро меҷӯянд онҳо.

## ГУНҶИШКИ НАҚҚОШ

Рӯи саҳро пур аз барф,
Чун коғаз рӯи саҳро.
Дар он бихоҳад кашад
Гунҷишкак расми худро.

Медавад ба он тараф,
Медавад ба ин тараф,
Ғайр аз нақши поҳояш
Чизе наояд ба каф.

Зиқ мешавад гунҷишкак:
«Чи сон кашам сарамро?
Чи сон кашам чашмамро?
Чи сон кашам парамро?»

Аз баландӣ механдад
Офтобаки зарнисор:
«Ҳаминаш ҳам кифоя
Ба ту, наққоши навкор!»

## МО ҲАМ ГУЛЕМ

Биё, ба саҳро равем,
Сайру тамошо равем,
Мисли занбӯри асал
Дидани гулҳо равем.

Барем ба онҳо дуруд,
Рақсу бозию суруд,
Барояшон бигӯем
Афсонаи «Буд, набуд...»

Агарки борад борон,
Намешавем ҳаросон.
Гӯем, ки мо ҳам гулем
Дар саҳрои шукуфон.

## АЗ ЗОЧААТ БИОМӮЗ

Очаи ман дугона
Бо очаи Меҳрубон,
Аммо манам дугона
Бо зочаи Меҳрубон.

Меҳрубон мекунад қаҳр,
Меҳрубон мекунад ноз,
Ман як сухан нагуфта,
Баланд мекунад овоз.

Вале зочааш бувад
Меҳрубони меҳрубон,
Табассумаш доимӣ
Дар чашмону дар лабон.

Аз зочаат биомӯз,
Меҳрубон, меҳрубонӣ,
Ману ту ҳам мешавем
Дугонаҳои ҷонӣ.

## РАНГИНКАМОН

Як пора рангинкамон
Ба боғи мо фаромад,
Ҳафт ранги рангинкамон
Ба боғи мо даромад.

Мепарад аз гул ба гул
Як пора рангинкамон,
Аз шоха то ба шоха
Мебарад ҳусни ҷаҳон!

Дар боғи мо бозигар
Рангинкамон бемалол,
Рангинкамон – шаҳпарак,
Шаҳпараки рангинбол.

## БАЗМ

Зери чанори дара,
Дар ҷои хушманзара
Барпо шуд базми калон,
Консерти паррандагон.
Чир-чирак чир-чир
мекард,
Доди гулӯгир мекард,
Ки аз ҳама ман хушхон,
Писанди хурду калон.
Мӯсича қум-қум мекард,
Гаҳ сози худ гум мекард,
Вале мегуфт: - эй ёрон,
Манам ҳофизи хушхон!
Мекард аз сари саҳар
Зоғи ало ҳам қар-қар,
Ки мисли ман хушовоз
Пайдо намешавад боз.
Мезад нӯл эзорсурхак
Ба шохаҳо бедарак.
Мегуфт: - Ин сози сара,
Ҳусни расои дара!
Сари шохе бемалол
Тӯтии хушпару бол
«Манам тӯтиҷон!»,
- мегуфт,
«Ҳофизи хушхон!»,
- мегуфт.
Майнаи бешарму ор
Пар зада бо сад виқор,
Аз саҳар «чур-чур»,
- мегуфт,
«Сози ман машҳур»,
- мегуфт.
Зери чанори дара,
Дар ҷои хушманзара
Барпо буд базми калон,
Консерти паррандагон.



Базм набуд, мағал буд,
Сад мағал дар
маҳал буд.
Он ҷо, ки навбате нест,
Одоби сӯҳбате нест,
Мағал шавад базми нағз,
Хор шавад расми нағз.

## ХУРӮСҶАНГ

Хурӯси Қозӣ давид,
Хурӯси Розӣ парид,
Рӯи ҳавлӣ, таги дар
Гӯё барпо шуд маҳшар.
Аз пар-пару ҷастухез,
Аз ҳуҷуму аз гурез
Рӯи ҳаво пур аз чанг,
Рӯи замин пур аз ҷанг.
Тоҷи ҳар ду хунчакон,
Парҳояшон парешон,
Нӯли ҳар ду хунравон,
Чашми ҳар ду хунфишон.
Хурӯси Қозӣ беҳол,
Хурӯси Розӣ беҳол.
Баҳри чӣ буд ҷангашон?
Баҳри як-ду дона дон.
Ҳай-ҳай, хурӯси Қозӣ!
Ҳай-ҳай, хурӯси Розӣ!

## ГОВИ САФАР

Зангӯлача садо кард,
Пушти дари кушода.
Гови Сафар равон аст
Ҳолӣ ба сӯи пода.

Ду шохи чанбари ӯ
Чун шохи навниҳол аст,
Пистони пур зи шираш
Рӯи замин кашол аст.

Ало бувад чун паланг
Сару тану думи он,
Калону ғафсу сахт аст
Чун суми фил суми он.

Ҳар кас, ки бинад онро,
Андак шавад ҳаросон.
Аммо ба ин бузургӣ
Гови Сафар меҳрубон.

Бачаро гар бубинад,
Бӯяд сару мӯи ӯ,
Гӯё роҳат мекунад
Лаҳзае аз бӯи ӯ.

## ХАЗОН

Боди хазон мевазад,
Дар кафаш барги хазон,
Гӯё Парчам мебарад
Варзишгари қаҳрамон.

Медавам аз паси вай,
То гирам барги зардаш,
Медаваму медавам,
Намерасам ба гардаш.

Барги хазон мегӯяд:
«То дидан, эй ҷӯраҷон!
Маро ту бош интизор
Дар фасли навбаҳорон».

## МЕҲРУБОНӢ

Оби ҷӯ меҳрубон аст,
Меравад ҷӯи ба ҷӯ,
Мекунад ҳар рӯзу шаб
Бо сабзаҳо гуфтугӯ.

Боди саҳар ҳам бувад
Меҳрубону ғамбарор,
Сила мекунад мудом
Барги беду сафедор.

Шаҳпарак ҳам мепарад
Аз бӯ ба бӯи дигар,
Афсонаҳояш ширин
Ба гӯши ғунчаи тар.

Эй кошки ман ҳам бошам
Оби равон ҷӯ ба ҷӯ,
Боди саҳар боғ ба боғ,
Шаҳпарак аз бӯ ба бӯ.

Эй кош тарона бошам
Аз меҳру меҳрубонӣ,
Бошад муҳаббати ман
Таронаи ҷаҳонӣ.

## ҲУШЁРИ НОДОН

Борон меборад
Чак-чак.
Бомро мекӯбад
Так-так.
Ҳушёри нимхоб
Хезад ба шитоб:
«Ак - ак!»
Дорад вай гумон,
К-омада меҳмон
Лак – лак.
Гӯям: - Эй нодон,
Меборад борон
Чак – чак.
Беҳуда дорӣ
Бо беқарорӣ
Ак – ак.

## ПАЙВАНД

Бобои ман зад пайванд
Ба шохи гелос – олу.
Гуфто: меваащ фардо
Ба ҷон мешавад дору.

Гуфтам: агарки кунед
Ба дастони ман пайванд
Дасти Анору Хурсанд,
Дасти Набиву Хубон,
Чӣ мешавад, бобоҷон?
Гуфто, ки: пайвандатон
Мешавад Тоҷикистон!

## ТОБИСТОН

Таби тобистон баланд,
Аз кӯҳу дашту саҳро
Раҳ мекашад бошитоб
То оби сарди дарё.

Монанди зангиписар
Сару рӯяш сиёҳ аст,
Аз гардану шонаҳо
То зонуяш сиёҳ аст.

Агар варо бишӯянд
«Барф»-у «Рахшо»-ю
«Дарё»,
Сиёҳии андомаш
Намешавад пок асло.

Тирамаҳ чун биёяд,
Борон биёрад аз дур,
Тобистонро бишӯяд,
Тоза кунад чун булӯр.

## АҶАБ

Ҷомаҳои дарахтон
Кашида дар зимистон,
Ҷомаҳои одамон
Пӯшида дар зимистон.

Ҷомаҳои дарахтон
Пӯшида дар тобистон,
Ҷомаҳои одамон
Кашида дар тобистон.

Маро аҷаб меояд
Аз ҳолати дарахтон.
Чӣ мешавад, ки онҳо
Бошанд пайрави инсон?

Ҷомаҳояшон бошад
Пӯшида дар зимистон?
Ҷомаҳояшон бошад
Кашида дар тобистон?

## ДАР ДАСТИ ОФТОБ

Саҳар чаро саҳар шуд?
Чунки офтоб бадар шуд.
Бегаҳ чаро бегаҳ шуд?
Чунки офтоб панаҳ шуд.
Офтоб агар ба сар нест,
Барои мо саҳар нест.
Офтоб агар панаҳ нест,
Барои мо бегаҳ нест.
Саҳару бегоҳи мо,
Рӯзу шаби роҳи мо,
Бедорию хоби мо
Дар дасти офтоби мо.

## БОМ

Пур аз кафтари сафед
Болои боми Умед.

Гӯё аз тори осмон
Омад абри фаровон.

Рӯи бом пур аз
«қум-қум»,
Дили кас мезанад гум.

Рӯи бом пур аз бозӣ,
Аз пар-пару тоз-тозӣ.

Ҳар гаҳе кунанд парвоз
Ба сӯи осмони боз,

Бо пару боли сафед
Мепарад боми Умед.

## ЯХМОС

Дар кӯчаву дар бозор
Яхмосфурӯши бисёр.

Ҳаво гарм асту тасфон,
Яхмос хӯранд бачагон.

Аҷаб кайфу сафое
Ба ҳар гӯша, ҳар ҷое!

Назар кунам ман аз дур
Ба ин роҳат, ин ҳузур.

Дилам пур-пури ҳасрат,
Аммо мекунам тоқат.

Дарди гулӯ бало шуд,
Яхмос аз ман ҷудо шуд.

Илоҳӣ дар ин ҷаҳон
Бачае дар тобистон

Дарди гулӯ набинад,
Чун ман ба ғам нашинад!

## ЧӢ ГӮЯД?

Ҳар гаҳ занбӯри асал
Бо гул чӣ гӯяд дар тал?
Гӯяд, ки ту ханда кун,
Хандаи зебанда кун.
Шираи ту ҷонфазо,
Беҳ аз шир асту ҳалво.
Шираатро ғун кунам,
Ғун карда афзун кунам.
Ширин шавад ҳар замон
Даҳони хурду калон.
Мардум гӯянд:
- Ташаккур,
Барои гулу занбӯр.
Ҳар гаҳ дарёи ҷӯшон
Чӣ гӯяд бо кӯҳсорон?

Гӯяд: - Дар қуллазорон
Барф бувад фаровон.
Об куну роҳӣ кун,
Оби маро кун афзун,
То ки равам дав-давон
Сӯи дашту биёбон.
Пахта фаровон шавад,
Ғалла дучандон шавад.
Мева шавад бешумор
Барои халқи диёр.
Мардум гӯянд:
- Сад аҳсан
Ба обу кӯҳи Ватан!
Ҳар гаҳ чӣ гӯяд замин
Ба офтоби заррин?
Гӯяд, ки худро ҳеҷ гоҳ
Аз ман макун ту паноҳ.
Ҳар он чӣ ман парварам
Бо муҳаббат дар барам,
Бе ту саропо хом аст,
Сурати нотамом аст.
Бо ман ту меҳрубон бош,
Ба рӯи ман хандон бош,
То ба ҳама расонам
Неъмати дастархонам.
Мардум гӯянд: - Офарин,
Бар офтобу замин!
Бигӯ, эй ҷӯраи ман,
Чӣ кардӣ баҳри Ватан?
То ки гӯяд: - Офарин
Бар писаре инчунин!

## ДОДОЯМ БОБО ШУДАНД

Дугонаҷон, дугона,
Пешам биё, ба хона,
Бубин меҳмони моро,
Меҳмони ошноро.
Оҳо, парешон нашав,
Якбора ҳайрон нашав,
Меҳмони мо дар хона
Додои ман, дугона.
Омадаанд ин саҳар
Аз лаби Баҳри Хазар[1].
Мондаанд риши дароз
Чун бобои Сарвиноз.
Додоям додо буданд,
Додоям бобо шуданд.

1. *Баҳри Хазар* – Баҳри Каспий.

## ТУФЛИ

Туфлиҳои пои ман
Нотарсанду ҷасуранд,
Дар кӯчаю майдонҳо
Футболбози зӯранд.

Тӯби чармин мекунад
Пеш-пеши пояш бозӣ,
Розист туфли аз ман,
Ман аз туфлиам розӣ.

Қуттии оҳанӣ ҳам
Назди туфлиам тӯб аст,
Санги хурду калон ҳам
Бароям тӯби хуб аст.

Туфлиҳои ҷасурам
Гаҳ-гаҳе беҷигаранд:
Аз бозӣ ногашта сер,
Мекананду медаранд.

## ТАРОНАИ БОЙЧЕЧАК

Бойчечак, гули хумор,
Нури чашми интизор,
Шӯълаи афтодаӣ
Ту аз барқи навбаҳор.

Ханда бизан, ки ҷаҳон
Чун ту шавад шукуфон.

Ту биё, ки аз пасат
Гул ояд қатор-қатор,
Гули лолаву суман,
Гули нору гули хор.

Ханда бизан, ки ҷаҳон
Чун ту шавад шукуфон.

Бойчечак, гули Ватан,
Бойчечак, гули диёр,
Дили мо ҳам шукуфта
Чун ту поку беғубор.

Ханда бизан, ки ҷаҳон
Чун ту шавад шукуфон.

## ЗАРБА

Пашша омаду биншаст
Болои бинии ман.
Гуфтам, ки бобаш кунам
Бо мушти дандоншикан.

Оҳиста кардам гираҳ
Мушти худро ба қасдаш,
Беовозу бесадо
Бурдам онро ба наздаш.

Зарба задам якбора
Ба он пашшаи беор.
Пашша париду гурехт,
Бинии ман шуд хуншор...

## ШЕЪРИ ГУЛ

Дар ҳотаи мо
Зардолу гул кард,
Биҳиву гелос,
Шафтолу гул кард.

Ҳар сӯ бубинӣ,
Гулбору гулбор.
Аз боғ то роғ
Гулзору гулзор.

Шаббода гӯяд
Афсонаи гул,
Мурғон сароянд
Таронаи гул.

Ман ҳам бихонам
Шеъри гуламро,
Гӯям ба ҳар гул
Меҳри диламро:

«Ҳаргиз набинӣ
Рӯи хазонро,
Макун фаромӯш
Оростаҷонро!»

## «МАН ОБ ДОРАМ»

Кӯҳи сафедриш
Гӯяд ба нозиш:
«Дар сина ганҷе
Ноёб дорам.»
Дарё бигӯяд:
«Ман об дорам!»

Китобхонаи ... Ҷумҳурии ... ба ...
7270

Гардун шабона
Хонад тарона:
«Дар хонаи хеш
Маҳтоб дорам.»
Дарё бигӯяд:
«Ман об дорам!»

Саҳрои гандум
Созад тараннум:
«Сад суфраи нон
Дарёб дорам.»
Дарё бигӯяд:
«Ман об дорам!»

Дунё ба такрор
Гӯяд бо виқор:
«Сад гуна сарват
Дар боб дорам.»
Дарё бигӯяд:
«Ман об дорам!»

## КОРИ ОБ

Сабзии сабза,
Сурхии лола,
Ҷомаи садранг
Дар тани ёла –
Ин кори об аст,
Кори савоб аст.

Ҳарфи ту дорад
Шарбати олу,
Бӯи себ ояд
Аз сӯҳбати ту –
Ин кори об аст,
Кори савоб аст.

Кулчаи ширмол
Дар рӯи модар,
Оташи ханда
Дар рӯи хоҳар –
Ин кори об аст,
Кори савоб аст.

Хаёли рангин,
Вафову паймон,



Дунёи зебо,
Покии имон –
Ин кори об аст,
Кори савоб аст.

## ТАРОНАИ ДУШАНБЕ

Эй шодии мо
Дар маҳфили мо,
Бе ту расо нест
Обу гили мо,
Мо дар дили ту,
Ту дар дили мо –
Чун бӯи модар
Бӯи Душанбе,
Чун рӯи кишвар
Рӯи Душанбе.
Дар сабзаи ту
Сабзидани мо,
Дар ҷилваи ту
Болидани мо,
Дар хандаи ту
Хандидани мо –
Чун бӯи модар
Бӯи Душанбе,
Чун рӯи кишвар
Рӯи Душанбе.
Поянда дорӣ
Дунёи моро,
Зебанда дорӣ
Фардои моро,
Арзанда дорӣ
Савдои моро –
Чун бӯи модар
Бӯи Душанбе,
Чун рӯи кишвар
Рӯи Душанбе.

## ОФТОБИ БЕҒУРУБ

Пагоҳӣ ояд офтоб,
Бегоҳӣ ояд маҳтоб.
Офтоб ҳусни пагоҳӣ,
Маҳтоб ҳусни бегоҳӣ.
Аммо модари ҷонам,
Модари меҳрубонам,

Офтобу маҳтоби ман,
Маҳтобу офтоби ман,
Ҳамеша дар бари ман,
Тобанда бар сари ман.
Офтоби ман беғуруб!
Маҳтоби ман хуби хуб!

## МОДАРИ ДАРЁ

Ин чашмаи соф
Ёвари дарёст,
Агарчи хурд аст,
Модари дарёст.

Сози тари ӯ
Дар лаби дарёст,
Дарси вафояш
Мактаби дарёст.

Умри дарозаш
Ҳамраҳи дарёст,
Дили сафедаш
Огаҳи дарёст.

Дунёи розаш
Дунёи дарёст,
Фардои покаш
Фардои дарёст.

Посаш бидорем,
Ки поси дарёст,
Дар нияти ӯ
Ихлоси дарёст.

Ин чашмаи соф
Ёвари дарёст,
Агарчи хурд аст,
Модари дарёст.

## ОБИ ТОЗА

Виҷдони тоза,
Имони тоза,
Паймони тоза,
Эй оби тоза!
Аз ту ҷаҳон пок,
Рӯҳу равон пок,
Ҳарфи даҳон пок,
Эй оби тоза!

Ту бебаҳоӣ,
Роҳатфазоӣ,
Ту ганҷи моӣ,
Эй оби тоза!
Васфат нахонем,
Қадрат надонем,
Ношукр монем,
Эй оби тоза!
Шукронаи ту,
Афсонаи ту,
Дурдонаи ту,
Эй оби тоза!
Аз ин замона
То ҷовидона
Аз мо нишона,
Эй оби тоза!

## СУРУДИ ФУТБОЛБОЗОН

Майдон фарох аст,
Дилҳо кушода,
Болу пари мост
Азму ирода,
Савдои мо нест
Савдои содда,
Фирӯзии мост
Бо номи ваҳдат,
Дар ҳастии мост
Пайғоми ваҳдат.
Мо бо рақибон
Ёру бародар,
Меҳр асту ихлос
Дар кори довар,
Ин ҷо рафоқат
Бошад музаффар,
Фирӯзии мост
Бо номи ваҳдат,
Дар ҳастии мост
Пайғоми ваҳдат.

## ПАРВОЗ

Гунҷишкак бори аввал
Пари худро намуд боз,
Парвоз набуд дар ҷаҳон,
Пур шуд ҷаҳон аз парвоз.

Осмону абраш набуд,
Осмону абр шуд пайдо,
Номи баландӣ набуд,
Баландӣ шуд дилрабо.

Номи дарё дарё шуд,
Номи саҳро саҳро шуд,
Пайдо шуд боғу дарахт,
Авҷи фазо пайдо шуд.

Бачаҳо ҳам донистанд:
Гунҷишкаке пайдо шуд,
Чун нуқта хурдакак буд,
Пар кушоду дунё шуд.

## НИШОН

Баромад бо тарона
Нишон аз дари хона.
Тоқӣ дар пушти сараш,
Ханҷар дар пеши бараш,
Дар соқи мӯза қамчин
Дар камар корди чӯбин,
Дар даст асои калон.
Гуфто: - Манам
паҳлавон,
Меравам мисли шамол
Сӯи саҳро бемалол.
Медавам сар - сари ҷар,
Мегузарам аз камар.
Харсанг ояд, мепарам,
Туман ояд, медарам,
Дарахт ояд, меканам,
Паланг ояд, мезанам.
Ҳар чӣ барояд зи роҳ,
Мешавад ҳолаш табоҳ!»
Рӯзе буд, рӯзи баҳор,
Ҳаво софу беғубор.
Мурғон ғазалхон буданд,
Мӯрчаҳо давон буданд,
Чашма тарона мехонд,
Мусича лона мемонд.
Нишон ҳам буд равона,
Бо созу бо тарона.
Дар пушти пушта ногоҳ
Харгӯшаке шуд пайдо.
Нишон гуфт:
«- Эй тарсончак!
Сабр бикун ту андак.
Сӯи саҳро равонам,
Ман паҳлавон Нишонам!

Ҳар чӣ барояд аз роҳ,
Мешавад ҳолаш табоҳ.»
Бардошт асо бо хурӯш
Бар қасди ҷони Харгӯш.
Харгӯш аз ин
ҳайрон шуд,
Пеши Нишон гирён шуд.
Гуфто: «Туро чӣ кардам?
Кори хато чӣ кардам?
Биё, маро назан ту,
Гӯши маро накан ту.
Мешавам бо ту рафиқ,
Асло намешавӣ зиқ.»
Харгӯш бозӣ сар кард,
Нағма дигар-дигар кард.
Монанди варзишгарон
Сад печутобе дошт он.
Нишонро пеши назар
Саҳро шуд он дам дигар.
Гуфто: «Маро бишав ёр,
Намедиҳамат озор!»
Харгӯшу Нишон шуданд,
Ба дурӣ равон шуданд.
Рафтанду хеле рафтанд,
Афсона бо ҳам гуфтанд.
Дар сари санге ногоҳ
Кабӯтаре шуд пайдо.

Пару болаш буд сафед,
Чун пати шохаи бед.
Гирифт аз замин Нишон,
Хам шуда санги калон.
Гуфто, ки «Эй Кабӯтар,
Мешиканам туро пар.
Ман паҳлавон Нишонам,
Сӯи саҳро равонам,
Ҳар чӣ барояд аз роҳ,
Ҳолаш мешавад табоҳ.»
Кабӯтарак шуд гирён,
Чун абри навбаҳорон.
Гуфто: «Туро чӣ кардам?
Кори хато чӣ кардам?
Бе ман шавӣ ту дилтанг,
Бе ман ҳама ҷо беранг.»
Ин гуфту парфишон шуд,
Дар тори осмон шуд.
Шуд дилрабо осмон,
Дар пеши чашми Нишон.
Гуфто: «Маро бишав ёр,
Намедиҳамат озор!»
Кабӯтарак дар ҳаво,
Дар замин Нишони мо
Ҳамраҳи Харгӯши худ
Ба дуриҳо равон буд.

Рафтанду хеле рафтанд,
Афсона бо ҳам гуфтанд.
Ногаҳ баромад аз роҳ
Қурбоққаи даҳонво.
Нишон гирифт аз камар
Корди чӯбину ханҷар.
Гуфто, ки: «Паҳлавонам,
Сӯи саҳро равонам,
Ҳар чӣ барояд аз роҳ,
Мешавад ҳолаш табоҳ!»
Қурбоққа бесадо шуд,
Ду чашмаш ҳарфи
«о» шуд.
Харгӯш гуфт:«-Эй Нишон,
Қурбоққаро наранҷон.
Бе ӯ саҳро – саҳро не,
Барои мо зебо не».
Ба худ омад Қурбоққа,
Он дам сар шуд:
«Вақ-вақа!»
Саҳро гӯё хандон шуд,
Сабзаву гул печон шуд.
Шамоли кӯҳ вазон шуд,
Нишон ҳам меҳрубон
шуд.
Партофт асои худро
Якбора канори роҳ.
Гирифт корди чӯбин,
Аз соқи мӯза қамчин,
Ханҷар гирифт аз камар,
Андохт дар таги ҷар.
Гуфто, ки: «Паҳлавонам,
Сӯи саҳро равонам,
Ҳар чӣ дар ин ҷо бувад,
Боби тамошо бувад.
Ҳар чӣ дар ин
маскан аст,
Ёру рафиқи ман аст.
Намедиҳам ман озор
Дигар чизеро бекор!»
Харгӯш дошт бозӣ,
Қурбоққа тоз-тозӣ,
Дар миёни осмон
Кабӯтар буд ба ҷавлон.
Тамошогар буд Нишон,
Каси дигар буд Нишон!

## ЛОЛАЗОР

Деҳаи мо Лолазор,
Аз лола пур ҳар канор.
Аз лола пур кӯҳу дашт,
Аз лола пур марғзор.
Ҳатто барояд лола
Дар рӯи бому девор.

Деҳа чу гулхан шавад
Аз лолаи бешумор.
Ба сари кокул занем
Лолаи боғи баҳор,
Дар васфи лола хонем
Таронаҳои бисёр.
Номи ман ҳам Лола аст,
Номи дигар чӣ даркор?

## ФАСЛИ БАҲОР – ҶОНОНА

Абри баҳорон омад,
Бо барқу борон омад.
Тундар тарона сар кард,
Кӯҳро ба ларза овард.
Чашма зи нав ҷавон шуд,
Таронааш равон шуд.
Лаб-лаби ҷӯ шабона
Сабза хест бо тарона.
Сар кард пагоҳӣ барра
Таронаҳои сара.
Ғунча лабашро во кард,
Таронаро расо кард.
Булбул чу нағмагар шуд,
Таронагӯӣ сар шуд.
Фасли баҳор – ҷонона!
Ҳама хонад тарона!

## ДУ БИБИЮ ДУ БОБО

Ман дута бобо дорам,
Бибӣ ҳам дуто дорам.
Риши як бобом сара,
Ришаш мисли шаршара.
Як бобом айнак дорад,
Дар хона лаклак дорад.
Як бибиам мӯсафед,
Нозук чу химчаи бед.
Як бибиам дорад хол,
Дорад рӯмолаки шол.
Ду бобо меҳмони ман,
Ду бибӣ даврони ман.
Ду бобо дар бари ман,
Ду бибӣ шаҳпари ман.
Ду бибию ду бобо –
Бубин ту бахти маро!



Як сӯ табассум

Дар рӯи хола –

Дар боғчаи мо,

Дар боғчаи мо.

Пур-пур зи шодӣ,

Пур-пур зи бозӣ,

Аз меҳрубонӣ,

Аз сарфарозӣ –

Ин боғчаи мо,

Ин боғчаи мо.

Аз ҷӯраҳо пур,

Пур аз дугона,

Дигар куҷо ҳаст

Ин гуна хона?

Ин боғчаи мо,

Ин боғчаи мо.

## АЗ БАРОИ ГУЛЪИЗОР

Шаҳпараки тезпарак,
Додои ту бедарак.
Чун бод ҳар тараф рав,
Аз олам бохабар шав.
Аз қуллаҳо гузар кун,
Ба водиҳо назар кун.
Мӯзаи сурхак биёр,
Аз барои Гулъизор.
Агар кобию кобӣ,
Мӯзаи хуб наёбӣ,
Рӯмоли гулдор биёр
Аз барои Гулъизор.
Агар кобию кобӣ,
Рӯмоли хуб наёбӣ,
Куртаи гулдор биёр
Аз барои Гулъизор.
Агар кобию кобӣ,
Куртаи хуб наёбӣ,
Саломи бисёр биёр
Аз барои Гулъизор!

## ШАШ ДУХТАР

Дар синфи мо
шаш духтар,
Шаш духтари гулбасар,
Шаш духтари чилкокул,
Шаш духтари мисли гул.
Номи якум – Адолат,
Номи дуюм – Латофат,
Номи сеюм – Ибодат,
Номи чорум – Фароғат,
Номи панҷум – Башорат,
Номи шашум – Орифат.
«А» гиред аз Адолат,
«Л» гиред аз Латофат,
«И» гиред аз Ибодат,
«Ф» гиред аз Фароғат,
«Б» гиред аз Башорат,
«О» гиред аз Орифат.
Агар ҷамъ оред як ҷо
Аввали номи онҳо,
Номи шаш духтари мо
Мешавад як Алифбо.

## НОМИ МАН МЕҲРУБОН АСТ

Номи Хумор – Хумор аст,
Хумори гулхумор аст,
Чунки аз боғчаи мо
Гул меканад доимо.

Номи Гурез – Гурез аст,
Гурези бетамиз аст,
Чунки аз боғча безор,
Баҳри гурехтан тайёр.

Номи Шодӣ – Шодиҷон,
Шодиҷонаки гирён,
Чунки гиряд беором
Аз саҳарӣ то ба шом.

Номи Адаб – Адаб шуд,
Адаби беадаб шуд.
Чунки шӯхӣ мекунад,
Мӯи маро меканад.

Номи ман Меҳрубон аст,
Меҳрубони хандон аст,
Чунки ман меҳрубонам,
Худам инро медонам!

## ГУРБАЧАРО ХОБ БУРДАСТ

Дӯлонаро об бурдаст,
Гурбачаро хоб бурдаст.
Болои кат - ҷои боб,
Гурбачаам масти хоб.
Хур-хур кунад аз саҳар,
Аз ҳама кор бехабар:
Як пашшаяки сиёҳ
Пушти лабаш нишастаст,
Болои гӯши чапаш
Ду-сета мӯрча гаштаст.
Канӣ дафтару қалам?
Сурати ӯро кашам.
Ҳамин ки хезад аз хоб,
Гурбача мешавад боб!

## ДАР БОҒИ ҲАЙВОНОТ

### 1

Товус бо дугона
Мӯяшро кунад шона.
Харгӯш баҳри харгӯш
Афсона гӯяд хомӯш.
Рақсад оҳу бо оҳу,
Нишаста сари зону.
Танҳо паланг танҳост,
Бе рафиқу ҷӯраҳост.
Худро занад ҳар нафас
Бар девораи қафас.
Танҳоӣ рӯзи сахт аст,
Кас берафиқ бадбахт
аст.
Ӯ худро доно гуфтаст,
Аз ҳама боло гуфтаст,
Зӯру тавоно гуфтаст,
Яктои дунё гуфтаст.
Ҷӯраҳоро ранҷондаст,
Оқибат танҳо мондаст.

### 2

Маймун агарчи доност,
Як кори ӯ норавост:
Дар пеши ӯ фаровон
Помидору боимҷон.
Дар як дасти ӯ олу,
Дар дигараш шафтолу.
Аммо ду чашмаш
чор аст,
Луқмае интизор аст.
Ҳар кӣ гузар намояд,

Суяш назар намояд,
Дасти маймун дароз аст,
Сари як по ба тоз аст.
Чашми гурусна дорад,
Осудагӣ надорад.

## НОВАРДОН

Ҳамраҳи тобистон рафт
Хомӯшии новардон.
Аз гулӯяш ин саҳар
Равон шуд оби борон.

Таблак занад рӯи бом
Борони бесаранҷом.
Карнай кашад новардон,
Карнай кашад чун бобом.

Ҳой-ҳойи карнайро бин,
Садои карнайро бин.
Равшан шавад дили мо,
Сафои карнайро бин.

Новардони новардон,
Карнайнавози нодон,
Овози худ кун баланд,
Ҳолӣ мемонад борон.

## ҚАЛАМ

Қалам кардам пари ғоз,
Бурдам ба рӯи коғаз.
Менависад: ға, ға, ға,
Ға-зал, ға-лаба, ға-раз.

Дар дасти ман шуд қалам
Пари булбули хушхон.
Менависад: ча, ча, ча,
Ча-на, ча-потӣ, чӯ-пон.

Қалам кардам пари зоғ,
Бурдам ба рӯи дафтар.
Менависад: қа, қа, қа,
Қа-лам, қа-фас,
Қа-ландар.

Қалам гирифтам дирӯз
Аз шохагули бодом.
Менависад: гулу гул,
Гул-баҳору Гул-андом.

## ЧӢ БОШАД?

«Их» гӯям, раҳ меравад,
«Иш» гӯям, шах
мешавад,
Кӣ медонад, чӣ бошад?

«Киш» гӯям, пар кушояд,
«Баҳ» гӯям, пешам ояд,
Кӣ медонад, чӣ бошад?

«Баш» гӯям, мебарояд,
«Ҳеш» гӯям, медарояд,
Кӣ медонад, чӣ бошад?

## ХУДИ МАН

Асли бобом аз Ромит,
Асли бибем аз Ҳоит,
Худи ман аз Душанбе.

Асли додом аз Рӯшон,
Асли очем аз Шайдон,
Худи ман аз Душанбе.

Хоҳарам аз Данғара,
Додарам аз Исфара,
Худи ман аз Душанбе.

Ҳолӣ бобом дар Ҳисор,
Ҳолӣ додом дар Фархор,
Худи ман дар Душанбе.

Хоҳарам дар Душанбе,
Додарам дар Душанбе,
Модарам дар Душанбе,
Худи ман дар Душанбе!

## ИСФАНДИЁР

Зардолуҳои бобом
Номҳои хушрӯ доранд.
Мувофиқи номашон
Рангу таъму бӯ доранд.

Сафедакаш мисли барф,
Маҳтобиаш чун маҳтоб.
Тӯлакиаш чун набот
Дар даҳан мешавад об.

Хӯҷамириаш асал,
Қандакаш пораи қанд.
Тагобиаш аз Тагоб,
Хуҷандиаш аз Хуҷанд.

Бобои ман дар деҳа
Боғбони номдор аст.
Номи пайванди наваш
«Рухи Исфандиёр» аст.

Кӣ бошад Исфандиёр?
Тобу тавони бобош!
Нури чашмони бобош!
Набераҷони бобош!

## ҲАЛҚА

Таралаву тарала,
Ана, ҳал шуд масъала:
Гӯши Сарвӣ шуд сӯрох.

Бибиҷонам «Ҳу»
гуфтанд,
«Ин сӯзан не, мӯ»
гуфтанд,
Гӯши Сарвӣ шуд сӯрох.

Сарвӣ яке оҳ кашид,
Оби чашмонаш чакид,
Ҳар ду гӯшаш шуд сӯрох.

Додоҷонам беқарор
Рафтанд сӯи бозор,
Гӯши Сарвӣ шуд сӯрох.

Ҳалқаи тилло харанд,
Якто не, дуто харанд –
Гӯши Сарвӣ шуд сӯрох.

Гиря макун, Сарвиҷон,
Оби чашмата садқа!
Вақте ки шудам калон,
Ба ту меорам ҳалқа!

## ҲАСРАТ

Сар-сари девор
Чӣ лозим аст хор?
Чӣ сон гузарам
Барои анор?

Ба поям халад,
Рӯямро канад,
Гирад зи доман,
Мӯямро канад.

Он сӯи девор,
Дар боғи Саттор
Сабзида зебо
Дарахти анор.

Пур аз ситора,
Пур аз шарора,
Ҳам зада сӯям,
Дорад назора.

Сар-сари девор
Чӣ лозим аст хор?
Маза мекардам
Аз оби анор!

## НЕ, НЕ, НАШУД

— Дар ҷайби ман
Ду дона қанд:
Якташ ба ту,
Якташ ба ман.

Дар дасти ман
Дуто панир:
Яктеша мон,
Яктеша гир.

Дар боғи мо,
Дуто каду:
Якто ба ман,
Якто ба ту.

Дар дасти ту
Дуто мурӯд...
— Не, не, нарас!
Не, не, нашуд!

## ТАЛХАК

Аз мағзи донак
Кисаи ман пур,
Шишта сари санг,
Хӯрам баҳузур.

Даҳони ман пур
Аз мағзи ширин.

Бин роҳатамро!
Кайфи маро бин!

Сӯям нигарад
Калта ба ҳасрат,
Мошон надорад
Як лаҳза тоқат.

Аз мағзи ширин
Хӯрам ба ҳавас,
Ҳаргиз надиҳам
Як дона бар кас.

Оҳо! Чаро шуд
Кайфам бедарак?
Номат намонад,
Эй мағзи талхак!

## СЕБАРГА

Себаргаи себарга,
Се барги зебо дорӣ,
Се кулчаи танӯрӣ,
Се ҳарфаки «о» дорӣ,
Ё мисли таблакнавоз
Се табли гӯё дорӣ,
Ё се кафи кушода
Ту ҷониби мо дорӣ,
Ё се ҳалқаи тӯҳфа
Баҳри Таманно дорӣ!

## ШИРИН

Асал талх аст ё ширин?
Асал – ҳама ҷо ширин!
Тути марворид – ширин,
Бодому санҷид – ширин,
Олуву тарбуз – ширин,
Шири гову буз – ширин,
Ширин бувад шакалод,
Ҳам каллақанд,
ҳам набот.
Нинии мо ҳам ширин,
Зеро ки номаш Ширин!

## ТУТПАЗ

Ҳуд – ҳуд чӣ гӯяд
Дар деҳи шумо?
Ҳуд – ҳуд бигӯяд
Дар деҳаи мо:

— Тут пухт,
Тут пухт!

Давида бинӣ
Ба дида аён,
Дар шохи ҳар тут
Шаддаи марҷон,

Марҷони ширин,
Марҷони сафед,
Тути бедона,
Тути марворид,

Тути сафедак,
Ё тути балхӣ.
Бихӯр, ширин шав,
Агар ту талхӣ!

## МАНУ ТУ

Ҳавлиро мезанӣ об,
Ҳавлиро мезанам об.
Ту духтари баодоб,
Ман духтари баодоб.

Мерӯбӣ рӯи хона,
Мерӯбам рӯи хона.
Ту духтари якдона,
Ман духтари якдона.

Меҷунбонӣ гаҳвора,
Меҷунбонам гаҳвора.
Ту духтари хушкора,
Ман духтари хушкора.

Ту меравӣ тамошо,
Ман меравам тамошо.
Ту ҳам духтари зебо,
Ман ҳам духтари зебо.

## КӮЧАИ МО

Аз дари хонаи мо
Мебарояд Санавбар,
Муҳарраму Мукаррам,
Алиҷону Мунаввар.

Аз ҳавлии ҳамсоя
Мебарояд Нигина,
Зарринаву Сиёвуш,
Одинаву Парвина.

Кӯчаи мо пур-пур аст
Аз духтару аз писар.
Пасту баланду зебо,
Покизаву пурҳунар.

Кӯчаи мо пур аз ид
Аз чеҳраҳои хандон.
Беҳуда ту касеро
Ин ҷо набинӣ гирён.

Шом аз дари хонамон
Медарояд Санавбар,
Муҳарраму Мукаррам,
Алиҷону Мунаввар.

Шом аз дари ҳамсоя
Медарояд Нигина,
Зарринаву Сиёвуш,
Одинаву Парвина.

Кӯчаи мо хомӯш аст
Аз сари шаб то саҳар.
Кӯчаи мо зиқ шавад
Бе духтару бе писар.

## ҶОМА

Очаҷон, ҷома дӯзед
Барои ман ҳамин шаб.
Ҷомаи читу лас не,
Як ҷомаи беқасаб.

Раваму садо кунам
Холаҷони Басанда,
Ҳамроҳатон мекунанд
Ҷомаамро ласанда.

Шерозааш оддӣ не,
Шерозаи тиллоӣ.
Ҳар кас, ки бинад, гӯяд:
«Ин ҷомаи бобоӣ!»

Саҳар пӯшида равам
Сӯи боғча бо Анор.
Он ҷо «Рақси тоҷикӣ»
Ба роҳи мо интизор.

## НОМА

Ҷӯраи масковиам,
Дурии мо дурӣ нест.
Ба ту кӯҳ мефиристам,
Маро ту ҷангал фирист.

Ҷӯраи литвониам,
Дурии мо дурӣ нест.
Ба ту кӯҳ мефиристам,
Баҳри калонам фирист.

Ҷӯраи Шарқи Дурам,
Дурии мо дурӣ нест.
Туро кӯҳ мефиристам,
Маро ту дарё фирист.

Ҷӯраи қазоқи ман,
Дурии мо дурӣ нест.
Ба ту кӯҳ мефиристам,
Ба ман биёбон фирист.

Ҷӯраи қафқозиам,
Дурии мо дурӣ нест.
Туро кӯҳ мефиристам,
Ту ҳам ба ман кӯҳ фирист!

## МАН КӢ ҲАСТАМ?

Ман гули додом,
Булбули бобом,
Ман қанди додом,
Пайванди бобом,
Ман шери додом,
Далери бобом,
Ман ҷони додом,
Хандони бобом,
Ман боғи додом,
Чароғи бобом,
Ҳаёти додом,
Наботи бобом,
Бобои додом,
Додои бобом!

## ШУД ВАҚТИ ТОРОН

Сар-сари девор
Сабза расида,
Дар боми хона
Лола дамида.

Рӯ-рӯи ҳавлӣ
Бузғола тозон,
Қатори мӯрон
Ҳар сӯ шитобон.

Хас мекашонад
Мусича шодон,
Лона гузорад,
Дар тоқи айвон.

Соягурез аст
Имрӯз Алопар,
Дуде нахезад
Аз мӯрӣ дигар.

Шуд вақти чукрӣ,
Шуд вақти торон.
Эй ҷома, хуш бош,
Ту то зимистон!

## ШИРДӮШӢ

«Гови алои бибеш,
Симу тиллои бибеш.
Гови калони бибеш,
Тахти равони бибеш.
Гови зебои бибеш,
Мушкилкушои бибеш».
Гови ало хамӯш аст,
Аммо саропо гӯш аст.
Очам таронахон аст,
Шири равон равон аст.
Бо ин тарона охир
Соғу шавад пури шир.

## ВАҚТИ ДАРАВ

Бӯи алаф меояд,
Аз ҳар тараф меояд.
Ҷӯра, вақти дарав шуд,
Санҷиши доси нав шуд.
Пуштаи боло аз ту,
То себи Мулло аз ту.
Пуштаи поин аз ман,
То ноки Парвин аз ман.
Яку дую сею чор,
Оё ту ҳастӣ тайёр?
Занам дос аз таҳи дил,
Бубину шав ту қоил.
Бубин, мепарад алав
Аз досам вақти дарав.
Дарав кори мардон аст,
Ҷои мардон майдон аст.

## ОСИЁ

Осиё ҳам завод аст,
Заводи орди гандум.
Мегардаду мегардад
Аз паи ризқи мардум.

Хонаи пастаки он
Дар лаби сои деҳа,
Ҳам баҳри мо азиз аст,
Ҳам аз барои деҳа.

Аз нова мефурояд
Оби калон бо шитоб,
То санги осиёро
Намояд бедор аз хоб.

Сагаки осиё ҳам
Бозии худ сар кунад,
Аз дӯл донаҳоро
Дона-дона ҷар кунад.

Аз зери санги калон
Мерезад орди гандум.
Аз сафедии рангаш
Сиёҳӣ мешавад гум.

Осиё ҳам завод аст,
Заводи деҳаи мо.
Фақат заводи бедуд,
Фақат заводи зебо.

## ҲУЛБӮ

Лаб - лабаки ҷӯ рафтам,
Барои ҳулбӯ рафтам.
Оби равон равон буд,
Булбули нағмахон буд.
Ин сӯю он сӯ ҷастам,
Бархостам, нишастам,
Як доман ҳулбӯ чидам,
Ҳулбӯи хушбӯ чидам.
Очаҷонам маро дид,
Сару рӯямро бӯсид.
Гуфто: саропои ту
Мекунад бӯи ҳулбӯ.

## МАНУ ТАРОНА

Ману тарона
Ба ҳам дугона.
То ба ҳам астем,
Мо бе ғам астем.

Ҳар ҷо таронаст,
Дарё равон аст,
Гулҳо шукуфон,
Дилҳо хурӯшон.
Ҳар ҷо таронаст,
Дунё ҷавон аст.
Ҳар кор осон,
Шодӣ фаровон.
Ҳар ҷо таронаст,
Осуда ҷон аст,
Ҳам аҳд подор,
Ҳам дӯст бисёр.
Ману тарона
Ба ҳам дугона.

## МАКТУБИ АКОМ

Дугонаҷон, дугона,
Бубин – мактуби аком!
Ҳам барои ту салом,
Ҳам барои ман салом.

Ба гови Ҳайдар салом,
Ба бузи Гавҳар салом,
Ба саги Қодир салом,
Ба мурғи Зевар салом.

Акоям пазмон шудаст
Ба гурбаам, дугона,
Ба мошини Қаландар,
Ба зочаи Рухшона.

Бурда панаҳ мекунам
Мактуби акаҷонам.
Ба синфи як, ки рафтам,
Аз сари нав мехонам.

## ТАНҲОӢ

Вақте ки танҳоям ман,
Тамоми дунё танҳост,
Танҳо бувад ситора,
Чашмаву дарё танҳост,
Мӯрчаяки рӯйи барг,
Мурғаки ҳаво танҳост,
Гурбаи болои кат,
Сагчаи доно танҳост,
Танҳо бувад оби ҷӯ,
Сабзаю наъно танҳост,
«Алифбо»-и ман танҳо,
«А»-ю «Б»-ю «О»
танҳост,
Бо хоҳару додараш
Ҳатто Дилоро танҳост!

## ПАНДИ КӮҲНА

Дар хона ҳуштак назан,
Ки муш ояд ба хона.
На тут монад, на ғӯлинг,
На нон монад, на дона.

Беҳудаву баҳуда
Асо мазан бар замин,
Ки ояд барфу борон,
Зарар бинӣ ту аз ин.

Хаста шавӣ, манишин
Дар рӯи остона,
Ки қарздор шавӣ ту,
Хайр равад зи хона.

Вақте ки гурба шӯяд
Дасту рӯяшро саҳар,
Дон, ки меҳмон меояд
Аз раҳи дури сафар.

Ҳар гаҳ биниат хорад,
Шодӣ бикун пинҳонӣ,
Тӯҳфа меорад туро
Ҷӯраи нағзи ҷонӣ.

Ҳурмати мӯсафедон
Набар як лаҳза аз ёд.
Давре, ки мешавӣ пир,
Ёбӣ чунин мукофот.

## ОШНОҲО

Дар боғи бобои ман
Мурғакон ошнои ман.
Фохта гӯяд: қур, қур, қур,
Ҷӯраи ман Баҳодур.
Майна гӯяд: ҷон, ҷон,
ҷон,
Туро ман шудам пазмон.
Булбул гӯяд: ча, ча, ча,
Хуш омадӣ, шербача.
Чирчирак гӯяд: чир, чир,
Чаро ту омадӣ дер?
Дар боғи бобои ман
Мурғакон ошнои ман.
Агар як дам наоям,
Зиқ шаванд ҷӯраҳоям.

# МУНДАРИҶА

Ба чӣ монад ситора? ........ 3
Соати хурӯс вайрон ........ 3
Тӯша ........ 4
Қаламҳои ранга ........ 4
Борон ........ 6
М-е-ҳ-р-и-н ........ 6
Гунҷишки наққош ........ 6
Мо ҳам гулем ........ 7
Аз зочаат биомӯз ........ 7
Рангинкамон ........ 8
Базм ........ 8
Хурӯсҷанг ........ 10
Гови Сафар ........ 10
Хазон ........ 11
Меҳрубонӣ ........ 11
Ҳушёри нодон ........ 12
Пайванд ........ 12
Тобистон ........ 12
Аҷаб ........ 13
Дар дасти офтоб ........ 13
Бом ........ 13
Яхмос ........ 14
Чӣ гӯяд? ........ 14
Додоям бобо шуданд ........ 15
Туфли ........ 16

Таронаи бойчечак........................................16
Зарба........................................................17
Шеъри гул ..................................................17
«Ман об дорам» ............................................17
Кори об.......................................................18
Таронаи Душанбе..........................................20
Офтоби беғуруб............................................20
Модари дарё................................................21
Оби тоза.....................................................21
Суруди футболбозон.......................................22
Парвоз........................................................22
Нишон ........................................................23
Лолазор.......................................................25
Фасли баҳор – ҷонона....................................26
Ду бибию ду бобо.........................................26
Ҳавлии нав...................................................28
Шамол будаст таги дар...................................28
Боғчаи мо....................................................28
Аз барои Гулъизор .......................................29
Шаш духтар .................................................30
Номи ман Меҳрубон аст..................................30
Гурбачаро хоб бурдаст ...................................31
Дар боғи ҳайвонот ........................................31
Новардон ....................................................32
Қалам .........................................................32
Чӣ бошад?...................................................33
Худи ман ....................................................33

Исфандиёр........................................33
Ҳалқа..............................................34
Ҳасрат ............................................34
Не, не, нашуд....................................35
Талхак .............................................35
Себарга ...........................................36
Ширин..............................................36
Тутпаз..............................................36
Ману ту............................................37
Кӯчаи мо..........................................37
Ҷома ...............................................38
Нома................................................39
Ман кӣ ҳастам?.................................39
Шуд вақти торон ..............................39
Ширдӯшӣ .........................................40
Вақти дарав .....................................40
Осиё ................................................41
Ҳулбӯ...............................................41
Ману тарона.....................................41
Мактуби аком ..................................42
Танҳоӣ.............................................42
Панди кӯҳна ....................................43
Ошноҳо ..........................................43

*Гулназар*

# ГУНҶИШКИ НАҚҚОШ

*(Шеърҳо барои бачаҳо)*

Муҳаррири саҳифабандӣ ***М. Саидова***

Тарроҳ ***Ф. Раҳимов***

Ҳуруфчини компутерӣ ***С. Орифова***

Ба матбаа 07.11.2006 супорида шуд. Ба чопаш 16.11.2006 имзо шуд. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 84x108 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопии шартӣ 3,0. Адади нашр 1000 нусха. Супориши №41/07.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «ЭҶОД» чоп шудааст.
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: eiodfir@mail.ru.

ISBN 99947-32-20-X
9 789994 732203